# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи ***«Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён»*** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) , доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шинosномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия пешниҳодгардида аз ҷиҳати муҳтаво ва самти асосӣ пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) мувофиқат менамояд. Зимнан, натиҷаҳои тадқиқот бо меъёрҳои феҳристи ихтисосҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани дараҷа ва унвони илмӣ муқаррар гардидаанд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, ҳамоҳанг мебошанд.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқот**. Дар замони муосир рушди илму технология ва пешрафти соҳаи маориф барои ҳар кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз аҳамияти стратегӣ бархурдор мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати ҷаҳонӣ, малакаҳо ва донишҳои техникӣ, бахусус дар соҳаи информатика, барои ташаккули қувваи зеҳнии мутахассисони оянда муҳим мебошанд. Аз ин лиҳоз, самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактабҳои олӣ ҳамчун воситаи асосии ташаккули тафаккури эҷодӣ, таҳлили мушкилот ва рушди малакаҳои амалии донишҷӯён аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Мутобиқи тадқиқотҳои ҷаҳонӣ, усулҳои анъанавӣ аксар вақт барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва таҳлили мустақил кофӣ нестанд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи таъсири усулҳои мушкилгаро ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён имкон медиҳад, ки тарзу усулҳои таълим такмил дода шуда, сифати таҳсил дар соҳаи информатика баланд бардошта шавад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои чунин тадқиқот барои омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ имконият медиҳанд, ки барномаҳои таълимӣ ва методҳои таълимиро ба талаботи муосир мутобиқ гардонанд ва дар натиҷа, донишу малакаи донишҷӯёнро барои иштирок дар рушди технологӣ ва иҷтимоии кишвар беҳтар созанд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад.** Тадқиқоти анҷомдодаи Ғафоров Зафар Бобобекович ба омӯзиши самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни

информатика дар мактабҳои олӣ равона шудааст. Ин тадқиқот ҷиҳатҳои гуногуни равандҳои таълимиро дар назар гирифта, таъсири онҳо ба ҳавасмандии донишҷӯён, рушди тафаккури эҷодӣ ва малакаҳои таҳлилӣ ва амалии онҳо таҳлил менамояд. Ин тадқиқот барои омӯзгорон ва муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар муфид буда, роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим ва пешрафти академии донишҷӯёнро пешниҳод менамояд.

**Навгониҳои илмии тадқиқот:**

1. Таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ нишон дод, ки ҳавасмандгардонӣ дар омӯзиши фанни информатика, махсусан тавассути супоришҳои барномасозӣ, нақши калидӣ дорад.
2. Замина ва асосҳои эҷоди ҳавасмандӣ барои донишҷӯён дар раванди омӯзиши информатика тавассути усулҳои мушкилгаро-инкишофӣ муайян ва таҳлил шуданд.
3. Дар доираи системаи усулҳои мушкилгаро-инкишофӣ супоришҳои барномасозӣ тартиб дода шудаанд, ки ба рушди ҳавасмандӣ ва шавқу завқи донишҷӯён ба фанни информатика мусоидат мекунанд.
4. Асосҳои амалӣ барои ҳавасмандгардонии донишҷӯён дар мактабҳои олӣ бо истифода аз моделсозии компютерии ҳаракати мошин дар забони C++, технологияи мултимедӣ ва бозиҳои дидактикӣ таҳия ва таъсири онҳо ба пешрафти академии донишҷӯён омӯхта шуданд.
5. Системаи такмили усулҳои мушкилгаро-инкишофӣ таҳлил гардида, тавсияҳои амалии судманд барои беҳтар кардани ҳавасмандӣ ва самаранокии омӯзиши информатика ва барномасозӣ пешниҳод шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- Муайян кардани омилҳо ва хусусиятҳои асосии ҳавасмандгардонии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни информатика.
- Арзёбии нақши принсипҳои системаи таълими мушкилгаро-инкишофӣ дар эҷоди супоришҳои барномасозӣ бо истифода аз усулҳои фаҳмондадиҳӣ-тасвирӣ, алгоритмӣ, эвристикӣ ва тадқиқотӣ.
- Таҳлили таъсири вазъияти мушкилгаро ба ҳавасмандӣ ва пешрафти донишҷӯён ва пешниҳод кардани роҳҳои самараноки баромадан аз чунин вазъият.
- Тартиб додани асосҳои методологии эҷоди ҳавасмандӣ дар раванди омӯзиши информатика ва барномасозӣ бо истифода аз моделсозии компютерии ҳаракати мошин дар забони C++.
- Намоиши аҳамият ва самаранокии истифодаи технологияи мултимедӣ ва усулҳои интерактивӣ барои ҳавасмандгардонии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни информатика.

**4. Эътимоднокии натиҷаҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо такя ба дастовардҳои соҳаҳои педагогика, психология ва методикаи таълим таъмин карда мешавад. Барои ин, маҷмуи васеи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ истифода шудааст, ки комилан бо ҳадаф ва мантиқи тадқиқот мувофиқ мебошанд. Ба тадқиқот дар асоси таҳлили назариявӣ ва таҷрибавӣ асос гузошта шуда, натиҷаҳо тавассути санҷиши таҷрибавии гипотезаҳо ва таҳлили систематикии маълумот собит гардидаанд.

Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳо бо истифода аз барномаҳои компютерӣ барои коркарди оморӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои бадастомада тақвият дода шудааст. Ҳамзамон, усулҳои муқоисавӣ ва баҳогузории систематикӣ низ ба натиҷаҳои тадқиқот эътимод ва қавигии илмӣ мебахшанд. Ҳамин раванд имкон медиҳад, ки натиҷаҳо на танҳо барои тадқиқоти амалӣ, балки барои татбиқи методҳои омӯзишӣ ва такмили равандҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ низ асоснок гарданд.

**5. Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва муҳтаво комил буда, аз муқаддима, се боби тадқиқотӣ, хулосаҳо ва феҳристи адабиёт иборат аст. Муаллиф тавонистааст дар ҳар як боб масъалаҳои калидиро бо пайдарҳамии мантиқӣ ва таҳлили муфассал пешниҳод намояд.

Боби якуми кори диссертатсионӣ ба хусусиятҳои раванди ҳавасмандгардонии таълими информатика дар мактабҳои олӣ бахшида шудааст. Дар зербоби 1.1 мафҳумҳои ҳавасмандӣ ва ҳавасмандгардонӣ мавриди таҳлил қарор гирифта аст. Зербоби 1.2 ба таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ доир ба ҳавасмандӣ равона шудааст. Дар зербоби 1.3 усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ ҳамчун заминаи асосии эҷоди ҳавасмандӣ ба омӯзиши информатика таҳлил карда мешаванд. Зербоби 1.4 вазъи муосири омӯзиши информатика ва барномасозӣ дар мактабҳои олӣ таҳлил гардидааст.

Боби дуюми кори диссертатсионӣ ба супоришҳои барномасозӣ барои эҷоди ҳавасмандӣ дар омӯзиши информатика бахшида шудааст. Дар зербоби 2.1 системаи усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ ҳамчун заминаи методологии эҷоди ҳавасмандӣ ба омӯзиши информатика таҳлил карда мешавад. Зербоби 2.2 ба супоришҳои барномасозӣ дар доираи системаи мушкилгарои таълим равона гардидааст. Зербоби 2.3 ба эҷоди ҳавасмандӣ дар омӯзиши фанҳои информатика ва барномасозӣ бо истифода аз мисоли моделсозии компютерии ҳаракати мошин дар забони C++ бахшида шудааст. Дар зербоби 2.4 усулҳои ҳавасмандкунӣ бо истифодаи технологияҳои мултимедӣ ва дигар воситаҳои интерактивӣ дар забонҳои барномасозӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Хулосаҳои боби дуюм ҷамъбасти натиҷаҳои таҳлилӣ ва муайян кардани роҳҳои амалии истифодаи супоришҳои барномасозӣ барои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва самаранокии омӯзиши информатика мебошанд.

Боби сеюми кори диссертатсионӣ ба самаранокии бозиҳои дидактикӣ ва таҳлили озмоишҳои педагогӣ бахшида шудааст. Дар зербоби 3.1 сохтани бозиҳои дидактикӣ бо истифода аз забонҳои барномасозӣ ба ҳайси яке аз роҳҳои муассир барои ҳавасмандгардонии донишҷӯён таҳлил карда мешавад. Зербоби 3.2 ба таҳлили самаранокии супоришҳои эҷодшуда дар доираи системаи усулҳои таълими мушкилгаро-инкишофӣ барои рушди ҳавасмандгардонӣ равона шудааст.

Хулосаҳои боби сеюм ҷамъбасти натиҷаҳои таҷрибавӣ ва таҳлили озмоишҳои педагогиро фаро мегиранд ва нишон медиҳанд, ки кадом усулҳо ва супоришҳо барои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва самаранокии омӯзиши информатика бештар таъсир доранд.

**6. Аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии тадқиқот.**

**Аҳамияти илмӣ**. Тадқиқоти пешниҳодшуда барои рушди соҳаи педагогикаи информатика ва методикаи омӯзиш аҳамияти назаррас дорад. Он механизми таъсиргузории усулҳои мушкилгаро-инкишофӣ, супоришҳои барномасозӣ ва бозиҳои дидактикиро ба ҳавасмандии донишҷӯён таҳлил мекунад ва барои аввалин бор таъсири онҳо ба пешрафти академии донишҷӯён дар мактабҳои олӣ омӯхта шудааст. Натиҷаҳои тадқиқот заминаи илмӣ барои тадқиқоти минбаъда дар самти ҳавасмандкунии таълим ва методҳои самараноки омӯзиши информатика ва барномасозиро фароҳам меоранд.

**Аҳамияти назариявӣ.** Тадқиқот дар таҳкими назарияи педагогӣ ва психологияи таълим нақши муҳим дорад. Он усулҳои эҷоди ҳавасмандӣ дар донишҷӯёнро систематикӣ таҳлил намуда, таъсири супоришҳои мушкилгаро ва бозиҳои дидактикӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ, малакаҳои таҳлилӣ ва омӯзиши мустақилро муайян мекунад. Ин тадқиқот инчунин заминаи назариявӣ барои такмил ва таҷдиди усулҳои омӯзиши информатика ва барномасозӣ пешниҳод мекунад.

**Аҳамияти амалӣ.** Натиҷаҳои тадқиқот ба омӯзгорон ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ имконият медиҳанд:

- барномаҳои таълимӣ ва методҳои омӯзишро бо мақсади баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва самаранокии донишҷӯён такмил диҳанд;
- супоришҳои барномасозӣ ва бозиҳои дидактикиро дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва мултимедӣ татбиқ кунанд;
- барои рушди малакаҳои амалии донишҷӯён ва ташаккули тафаккури эҷодӣ ва таҳлили дуруст заминаҳои амалӣ фароҳам оранд.

Дар маҷмуъ, тадқиқот ҳам барои рушду такмили назарияи таълим ва ҳам барои татбиқи амалии усулҳои самараноки омӯзиш дар мактабҳои олӣ аҳамияти калон дорад ва метавонад ҳамчун заминаи илмӣ ва амалии тадқиқоти минбаъда дар соҳаи информатика ва барномасозӣ хизмат намояд.

**7. Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ дар 19 кори муаллиф инъикос ёфтааст. Аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, эътибори илмии онҳо тасдиқ шудааст. 13 кори боқимонда мақолаҳо ва маводи интишоршуда дар дигар нашрияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ ва дастурҳои таълимиро ташкил медиҳанд. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқот на танҳо ба шакли назариявӣ ва методологӣ асоснок шудаанд, балки барои истифодаи амалӣ ва мубодилаи таҷриба дар муҳити илмӣ ва таълимӣ низ қобили қабул ва эътиборнок мебошанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда пурра бо меъёрҳо ва талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доранд. Интишороти илмии муаллиф, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ба талаботи “Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” , “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ” ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия низ ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди ҳамаи ҷиҳатҳои мусбати диссертатсия, дар кори мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои граматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар кард:

1. Дар диссертатсия оид ба бозиҳои дидактикӣ барнома сохта шудааст, аммо маълум нест, ки онҳо то кадом дараҷа ба баландшавии сатҳу сифати таълим таъсир мерасонанд.

2. Дар диссертатсия баъзе барномаҳои компютерӣ сохта шудааст, аммо дар қисмати тавсияҳо нишон дода нашудаанд.

3. Ҳам дар диссертатасия ва ҳам дар авторефрерат баъзе хатоҳои имлоию гараматикӣ ба чашм мерасанд, аз ҷумла калимаи “мавзӯъ” ба “мавзуъ” бояд иваз карда шавад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назарию амалии тадқиқотро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи ***«Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён»***, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти кибериии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Назаров Аҳтам Пулотович

Тел: (+992) 908-08-23-84;
E-mail: ahtam_69@mail.ru

«20» 11 2025 с.

Имзои Назаров А.П.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Насрудинзода А.Н.

Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи С. Носир 33